«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», дотсент Набизода М.С.

________________

«__» ________ соли 2025

# ХУЛОСАИ

## Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

Диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин дар мавзуи «Махсусияти мундариҷавӣ ва жанрии гӯшаи «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.22. Рӯзноманигорӣ) дар кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи факултети филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба анҷом расидааст.

Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин соли 2012 факултети филологияи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигор-омӯзгор хатм карда, аз соли 2016 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи муассисаи мазкур ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул гардидааст. Айни замон ба ҳайси нозири маркази бақайдгирӣ ва машварати донишгоҳи мазкур фаъолият дорад.

Роҳбари илмии довталаби дараҷаи илмӣ номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Самадова Дилбар Ҳасановна мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин дар шурои олимони факултети филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз 29.11.2016, қарори №4 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертант Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин 20-уми майи соли 2025 маълумотномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсияи пешниҳодшаванда ба таҳлили яке аз паҳлуҳои муҳимми таърихи рӯзноманигории тоҷик – фаъолияти ҳаҷвии рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд») ва махсусан, гӯшаи ҳаҷвии он – «Анбӯр» бахшида шудааст. Мавзуи интихобшуда, бешубҳа, дорои аҳаммияти илмӣ ва амалии назаррас буда, таҳқиқот ба омӯзиш ва баррасии махсусиятҳои таҳаввулоти жанрҳои ҳаҷвӣ дар матбуоти даврӣ, муайян кардани нақши онҳо дар инъикоси мушкилоти ҷомеа ва муайян намудани таъсири ин мавод ба афкори умум бахшида шудааст, ки дар журналистикаи тоҷик ин масъала таҳқиқи мукаммалро тақозо дорад.

Мусаллам аст, ки ҳаҷв ҳамчун як навъи муҳимми публитсистика ва адабиёт дар тӯли таърих дар ифшои камбудиҳо ва таҳкими меъёрҳои ахлоқии ҷомеа, таҳрики афкори умум ва таъмини рушди созанда нақши муҳим бозидааст. Омӯзиш ва таҳқиқи таҷрибаи рӯзномаи «Ҳақиқати Суғд» дар ин самт имкон медиҳад, ки хусусиятҳои минтақавӣ ва умумиҷумҳуриявии ин падида муайян ва арзёбӣ гардад. Мубрамии кори таҳқиқии мазкур маҳз дар он зоҳир мегардад, ки то ба имрӯз таҳқиқи монографии гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр» анҷом дода нашудааст.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии 6.2. Филология (6.2.22. Рӯзноманигорӣ)** нишон дода шудаанд, комилан **мувофиқат мекунад.** Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, **мутобиқат дорад.** Илова бар ин, таҳқиқи мавзуъ ва хулосаҳои диссертатсия дорои арзиши илмӣ буда, метавонад ҳамчун заминаи назарӣ ва иттилоотӣ дар пажуҳиши масъалаҳои гуногуни журналистика, аз ҷумла таърихи журналистикаи тоҷик, назарияи жанрҳои публитсистӣ, робитаи матбуот бо ҷомеа ва ВАО-и минтақавӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Мақсади асосии таҳқиқ**, ки муаллиф онро дар оғози диссертатсия мушаххас намудааст, омӯзиш ва арзёбии пайдоиш, ташаккул ва инкишофи

ҳаҷв дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» дар заминаи маводди гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр» мебошад.

Унвонҷӯ, барои ноил шудан ба мақсади асосии таҳқиқ як силсила **вазифаҳои** мантиқан пайвастаро муқаррар намудааст, ки доираи онҳо аз муайян кардани заминаҳои таърихи пайдоиши ҳаҷв дар нашрия то таҳлили жанрӣ ва мушаххас сохтани нақши публитсистикаи ҳаҷвӣ дар таркиби умумии маводди рӯзномаро фаро гирифтааст. Муайянкунии асосҳои зуҳури маводди ҳаҷвӣ дар «Ҳақиқати Ленинобод», таҳлили муқоисавии ҳаҷвияҳо дар марҳалаҳои гуногун, ошкор намудани омилҳои пайдоиши гӯшаи «Анбӯр», баррасии жанрии маводди ин гӯша, арзёбии нақши ҳаҷв дар бозтоби мушкилоти ҷомеа, мушаххас сохтани таносуби воқеият ва бадеият, муайянсозии мавқеияти публитсистикаи ҳаҷвӣ дар нашрия аз зумраи ин вазифаҳо ба шумор меравaнд. Муҳиммияти илмии таҳқиқот маҳз дар он зоҳир мегардад, ки ҳалли пайгиронаи ин вазифаҳо ба муаллиф имкон додааст, то хулосаҳои муҳим ва қобили мулоҳизаро пешниҳод намояд.

**Сарчашмаи асосии** таҳқиқоти илмиро маводди ҳаҷвии гӯшаи «Анбӯр»-и рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» дар солҳои 1955-1960 ташкил намудааст. Фарогирии нашрияҳои дигар ва маводди иловагии алоқаманд заминаи сарчашмавии кори мазкурро боз ҳам ғанӣ гардонидааст.

Дар баробари ин, муаллиф барои таъмини асоснокии илмӣ ва пойдории назариявӣ ба дастовардҳои муосири олимони пешсафи ватанӣ ва хориҷӣ дар бахши назарияи публитсистика ва ҳаҷв такя намудааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии диссертатсияро** асарҳои бунёдии илмӣ-назариявии муҳаққиқони шинохтаи ватанӣ, аз қабили И. Усмонов, А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, П. Гулмуродзода, А. Азимов, М. Муродӣ, М. Абдуллозода, Ҷ. Саъдуллоев, Ш. Муллоев, С. Хоҷазод, Б. Қутбиддинов ва хориҷӣ С.М. Гуревич, Е. Прохоров, В. Учёнова, В. Ворошилов, И.Д. Фомичева, А. Тертичний, М. Ким ва дигарон ташкил додаанд. Муроҷиат ба заминаи мустаҳками назариявии таҳқиқ собит менамояд, ки муаллиф кори таҳқиқи илмии худро бо такя ба манбаъҳои илмии боэътимод анҷом додааст.

Диссертатсия дар асоси методҳои таърихӣ, муқоисавӣ, таҳлили контентӣ ва тафсири оморӣ таълиф гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он аст, ки бори аввал дар таърихи публитсистикаи тоҷик заминаҳо, омилҳо, марҳалаҳои ташаккул ва таҳаввули ҳаҷв дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор дода шудаанд. Инчунин, ба таври дақиқ замина ва омилҳои пайдоиши

гӯшаи ҳаҷвии он – «Анбӯр» мушаххас гардида, хусусиятҳои мундариҷавии маводди ҳаҷвӣ дар алоқамандӣ бо воқеиятҳои сиёсию иҷтимоӣ таҳлил шудаанд. Таснифи жанрии маводди гӯшаи ҳаҷвӣ ва муайян намудани таносуби жанрҳои публитсистӣ дар заминаи рӯйдодҳои муҳимми ҷомеа низ аз ҷумлаи навгонии илмӣ ба шумор рафта, саҳми арзандаи муаллифи кори таҳқиқии мазкурро дар илми журналистика собит менамояд.

Диссертатсияи номзадии Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назарӣ ва амалиаш** дар он зоҳир меёбад, ки он бори аввал дар сатҳи илмӣ як падидаи муҳимми таърихи рӯзноманигории тоҷик – фаъолияти ҳаҷвии гӯшаи «Анбӯр»-и рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод»-ро мавриди таҳлил қарор дода, саҳифаҳои то ҳол норавшани ин самти фаъолияти рӯзноманигорӣ дар нашрияро равшан месозад. Аз нигоҳи назарӣ, ин пажуҳиш донишҳоро оид ба таҳаввули жанрҳои ҳаҷвӣ дар матбуоти даврӣ ғанӣ гардонида, фаҳмиши амиқтарро дар бораи моҳият, хусусиятҳо ва нақши онҳо дар инъикоси мушкилоти ҷомеа ва таъсиррасонӣ ба афкори умум фароҳам меорад.

Арзиши амалии таҳқиқ дар он зоҳир меёбад, ки хулосаву натиҷаҳои диссертатсия метавонанд ҳамчун маводди арзишманд дар таълифи монография ва воситаҳои таълимӣ дар самти таърихи журналистикаи тоҷик, таҳияи дастурҳои методӣ барои донишҷӯён ва рӯзноманигорон истифода гардида, ба таҳқиқоти минбаъда дар ин самт заминаи мусоид фароҳам оварад.

Маводди диссертатсия ва хулосаҳои он дар таҳкими пояҳои назарии публитсистикаи ҳаҷвӣ дар Тоҷикистон, муайян намудани самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти минбаъда дар самти таърихи матбуоти даврӣ, гузаронидани таҳқиқоти муқоисавӣ бо таҷрибаи нашрияҳои ҳаҷвии дигар кишварҳо мусоидат менамоянд. Илова бар ин, таҳқиқоти илмии мазкур ба арзёбии объективонаи таъсири ҳаҷви матбуотӣ ба равандҳои иҷтимоӣ ва сиёсии даврахои гуногун, ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеа ба мероси матбуоти ҳаҷвии тоҷик ва муаррифии он дар арсаи байналмилалӣ заминаи мустаҳкам мегузорад.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсия дар **8 мақолаи муаллиф**, аз ҷумла **3 мақола** дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **5 мақола** дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ ба нашр расидаанд.

Мақолаҳои банашррасида ба мавзуи таҳқиқ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва авторефератро инъикос менамоянд. Рӯйхати мақолаҳои нашрнамудаи муҳаққиқ чунин аст:

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Самадова, Д. Ҳ., Мавлянова, М. З. Воқеият ва тахайюл дар ҳаҷви публисистӣ [Матн] / Д. Ҳ. Самадова., М.З. Мавлянова // Номаи донишгох, 2021. – №4 (69). – С. 117-121.

[2-М]. Мавлянова, М.З. Нақши гӯшаи «Анбӯр» дар таҷассуми камбудиҳои ҷомеа [Матн] / М.З. Мавлянова // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Кӯлоб, 2024. – №3 (36). – С. 264-269.

[3-М]. Мавлянова, М.З. Ҷойгоҳи воқеият ва тахайюл дар гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр»-и рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» [Матн] / М.З. Мавлянова // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2024. – №2 (36). – С. 150-154.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[4-М]. Мавлянова, М.З. Роль газеты «Хакикати Сугд» в развитии литературных связей. Инновационные подходы в современной науке [Матн] / М.З. Мавлянова // Сборник статей по материалам CLXXXIV международной научно-практической конференции. – Москва, 2025. – №4 (184). – С. 149-154.

[5-М]. Мавлянова, М.З. Нақши Қ. Баҳлулзода дар рушди ҳаҷви публитсистӣ [Матн] / М.З. Мавлянова // Журналистаи минтақавӣ дар шароити рушди технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ. (Маводди конфренсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи матбуот). – Хуҷанд, 2021. – С. 183-188.

[6-М]. Мавлянова, М.З. Заминаҳои пайдоиши ҳаҷв дар матбуоти тоҷик [Матн] / М.З. Мавлянова // Масъалаҳои матбуоти маҳаллии ҳавзаи Суғд дар шароити ҷаҳонишавӣ (Маҷмуаи мақолаҳо). – Хуҷанд: Ношир, 2019. – С.130-135.

[7-М]. Мавлянова, М.З. Гӯшаи «Анбӯр» ва нақши он дар рушди анвои ҳаҷвӣ [Матн] / М.З. Мавлянова // Масъалаҳои мубрами журналистикаи муосир (силсилаи дуюм). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2021. – С. 171-179.

[8-М]. Мавлянова, М.З. Бозтоби падидаҳои номатлуб ба ашъори ҳаҷвӣ [Матн] / М.З. Мавлянова // Масъалаҳои мубрами журналистикаи муосир (силсилаи сеюм). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2022. – С. 118-124.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** сатҳи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, саҳеҳияти натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, асоснок будани нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода ёфтани нуқтаи назари муаллиф нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Инчунин, саҳми муаллиф дар гирдоварӣ ва таҳқиқи маводди фаровони илмию адабӣ оид ба таърихи рӯзноманигории тоҷик, назария ва амалияи публитсистикаи ҳаҷвӣ, фаъолияти рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд») ва алалхусус, гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр» мушаххас мешавад. Дар ин замина, муаллифи диссертатсия тавонистааст бо далелҳои муътамад хусусиятҳои мундариҷавӣ ва жанрии маводди ҳаҷвии ин гӯша, омилҳои пайдоиш ва ташаккули он, инчунин нақши гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр» дар инъикоси мушкилоти ҷомеа ва таъсири онро ба афкори умум ба таври дақиқ муайян намояд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин дар мавзуи «Махсусияти мундариҷавӣ ва жанрии гӯшаи «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси **6.2. Филология (6.2.22. Рӯзноманигорӣ)** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи факултети филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» бо иштироки мутахассисон аз муассисае, ки дар назди он шурои диссертатсионӣ амал мекунад, қабул гардид.

Иштирок дошт: 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 18 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори №4 аз 26.11.2025.

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи журналистика ва назарияи
тарҷумаи факултети филологияи тоҷики МДТ-и
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Сатторова З.А.

Котиби илмӣ:
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи
журналистика ва назарияи тарҷумаи
факултети филологияи тоҷики МДТ-и
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Қосимова И.Т.

Имзоҳои Сатторова З.А. ва Қосимова И.Т.-ро
тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Сайдуллозода З.С.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистн,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
Телефон: (+992-3422) 6-52-73; факс: 6-75-18
E-mail: rector@hgu.tj